**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА 002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

аз 29-уми августи соли 2020.

Унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ) Қурбонализода Фурқат соли 2014 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ҳамин донишгоҳро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ – 24010200 хатм кардааст.
Ҳоло ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии ҳамин факултет мебошад.
Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии ӯ аввал дар ҷаласаи кафедра ва баъд аз он дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ аз 2-юми апрели соли 2016 (суратҷаласаи таҳти № 7 (15 - 16)) тасдиқ шудааст.
Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ 31-уми августи соли 2019, таҳти № 3839 дода шудааст.

Якчанд сухан оид ба мубрам будани мавзӯи интихоб намудаи унвонҷӯй. Ба мутахассисони соҳа маълум аст, ки иқтисоди бозорӣ дар таносуб ба иқтисоди пӯшидаи маъмурӣ ҷойи гардиши озодӣ мол, кор ва хизматрасониҳои гуногун мебошад. Тибқи маълумотҳои дастраси умум, ҳаҷми хизматрасониҳои музднок ба аҳолӣ дар Тоҷикистон ба нархҳои бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар соли 2017 10884, 0 млн. сомонӣ буда, аз он ҷумла дар мусофиркашонӣ 2208, 2 млн. сомониро ташкил менамуд. Албатта, чунин натиҷаҳо ифодаи амалии баракати истиқлолияти миллӣ ва самараи танзими ҳуқуқии мусофиркашонӣ мебошад. Ҳамзамон дар ин соҳа масъалаҳои ҳалталаб бисёранд, зеро сифати мусофиркашонӣ пурра талаботҳои рӯзафзуни мусофиронро қонеъ карда наметавонад. Истифодаи механизми ҷавобгарии ҳуқуқи

граждании мусофиркашон бояд аз нигоҳи муқовимат бо коррупсия, такмили уҳдадориҳои мусофиркашон, татбиқи чораҳои ҳимоя ва муҷозоти маҳкумкунандаи ҳуқуқӣ, инчунин такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шавад. Ҳамаи ин корҳо бояд баҳри таъмини амнияти мусофирон ва волоияти қонун анҷом дода шаванд. Бинобар ин, унвонҷӯй дар диссертатсия вазифаҳои зеринро барои таҳлилу хулосабарорӣ пешниҳод кардааст: ошкор намудани асосҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон;кушодани мафҳум ва хусусиятҳои хосси ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон;таҳлили уҳдадориҳои мусофиркашон;баррасии чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарии молумулкие, ки дар мавриди иҷрои номатлуби уҳдадориҳои мусофиркашон татбиқ мешаванд;омӯзиши масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ ё сари вақт ба маҳалли таъйинот нарасонидани мусофирон; мушаххас намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофир;асосноккунии чораҳо оид ба такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия вобаста ба ҳадафи пешгузошташуда ва зарурати ҳалли вазифаҳои мушаххаси таҳқиқоти мазкур дуруст таҳия шудааст. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб (параграф), хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои (маъхазҳои) истифодашуда иборат шудааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаро дар бар мегирад.

Таҳлили адабиёти сивилистӣ (мадании) марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, ки унвонҷӯй анҷом додааст, нишон медиҳад, ки ба ин масъалаи муҳим муҳаққиқони маъруфи шӯравӣ, Россия, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо дар таҳқиқотҳои хеш таваҷҷуҳ кардаанд. Ҳамзамон мавқеи худро муайян намуда, оид ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ паҳлуҳои норавшани онро мустақилона кушода, ибрози назар намудааст. Одоби корманди илмиро риоя намуда, фикри худро озодона баён кардааст.

Чӣ тавре унвонҷӯй дуруст қайд мекунад, баъзе масъалаҳо, аз қабили махсусиятҳои мазмуни уҳдадориҳое, ки аз иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби мусофиркашон бармеоянд; ҷавобгарии мусофиркашон барои таъхир кардан дар мусофиркашонӣ ё вайрон кардани мухлати расонидани мусофирон ба макони муайян; ҷавобгарии мусофиркашон ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирон бидуни коркард ва баррасӣ мондаанд. Ҳалли ин масъалаҳо

яке аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқоти мазкур мебошад, ки онҳоро унвонҷӯй бо усули хосси таҳқиқоти илмӣ ҳал намудааст.

Навгонии хулосаву пешниҳодоти унвонҷӯй боэътимод буда, барои такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон мусоидат мекунад.

Пешниҳодоти унвонҷӯй оид ба таҳрири нави қисмҳои 3 – 6-и моддаи 806 «Шартномаи мусофиркашонӣ» ва қисмҳои 2–3-и моддаи 809 «Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум» зимни таҳияи таҳрири нави қисми 2-юми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд.

Диссертатсия метавонад ба ҳайси асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи ин соҳа, барои тадриси курсҳои омӯзишии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиёт», инчунин курсҳо ва семинарҳои ихтисосии ҳуқуқи гражданӣ дар факултаҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар ҳаҷми умумии 3,73 ҷузъи чопӣ дар 9 мақола инъикос ёфтаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2,93 ҷ.ч.), инчунин дар як воситаи таълимӣ оид ба ҳуқуқи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9,5 ҷ.ч.) нашр гардидаанд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар маърӯзаҳои унвонҷӯй дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ, васоити ахбори омма ва интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант ба таври комплексӣ проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таҳлил гирифта, аҳаммияти онҳоро асоснок намуда, мафҳумҳои асосии мавзӯи диссертатсияро шарҳу тафсир карда, дастовардҳо ва норасоиҳои татбиқи меъёрҳои дахлдорро ошкор кардааст ва ҷиҳати такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқии мусофиркашон ва таъмини амнияти мусофирон дар нақлиёт чораҳо пешниҳод кардааст.

Ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ теъдоди зиёди асарҳо, санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва маводҳои амалияи судии Тоҷикистон бо ишора аз манбаи истифодашуда, таҳлил шудаанд, ки аз қобилияти таҳлилгар будани Қурбонализода Фуркат гувоҳӣ медиҳад.

Феҳристи адабиёти (маъхазҳои) истифодашуда ва феҳристи интишороти унвонҷӯй боэътимод буда, дуруст таҳия шудааст.

Матни диссертатсия пурра ба талаботҳои Дастурамал оид ба расмият даровардани диссертатсия, ки бо Қарори Президиуми Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 28-уми июни соли 2017, таҳти № 3/1 тасдиқ шудааст, ба

талаботҳои бандҳои 10 – 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505, мутобиқат мекунад.

Бинобар ин, диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 002 – и назди ДМТ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи граждании**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон.**

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 56/1 кв. 3. Тел: 93 510 38 62. E – mail: shukrullo67@mail.ru

**Имзои Ғаюров Ш. К. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ:** **Тавқиев Э. Ш.**